КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**ФАРМОИШ**

аз «25» сентябри соли 2019 №180 ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (17.06.2016, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (26.11.2016 №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 007 назди Институти кимиёи ба номи В.И.Никитини АИ ҶТ аз 12.06.2019 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ ба Кучаров Маҳмадамин Сатторович аз ихтисоси 05.17.03 – Технологияи равандҳои электрохимиявӣ ва муҳофизат аз зангзанӣ аз рӯйи натиҷаи ҳимояи диссертатсия дар мавзӯи «Ингибирующие составы комплексного действия на основе гудрона растительного масла» бинобар риоя накардани талаботи бандҳои 36 ва 61 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ ба Кучаров Маҳмадамин Сатторович рад карда шавад.
3. Баррасии такрории ҳимояи диссертатсияи Кучаров М.С. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ тибқи муқаррарот баъд аз 6 моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиш иҷозат дода шавад.
4. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 007 назди Институти кимиёи ба номи В.И.Никитини АИ ҶТ огоҳонида шавад.
5. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи расмии КОА ҷойгир карда шавад.
6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси КОА Комилиён Ф.С. вогузор карда шавад.

Асос: вайрон намудани талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)

Раис А. Розиқзода